Бигзор $L_{2,\nu} := L_2\left([0,1], x^{2\nu+1}dx\right)$ –фазои бо квадрат суммиронидашавандаи функсияҳои f, бо вазни ,$x^{2\nu+1}$, $\nu > -1/2$ дар порчаи $[0,1]$ интегрironидашаванда ва бо нормаи охирноки

$$\|f\|_{2,\nu} := \|f\|_{L_{2,\nu}} = \left(\int\limits_0^1 x^{2\nu+1}f^2(x)dx\right)^{1/2}$$

бошад. Дар монографияи[1] исбот карда шудааст, ки системаи функсияҳои

$$j_\nu(\lambda_n x) = 2^\nu\Gamma(\nu+1)\mathcal{J}_\nu(\lambda_n x)\cdot(\lambda_n x)^{-\nu},\ n = 1,2,..., \tag{16}$$

дар ин ҷо $\mathcal{J}_\nu(u)$ – функсияи Бессели ҷинси якуми ν, $\lambda_1, \lambda_2, ...$ – сифрҳои мусбати бо тартиби афзуншавӣ рақамгузорӣ шудаи муодилаи $\mathcal{J}_\nu(u) = 0$, системаи ортогоналии пурраро дар фазои $L_{2,\nu}$ ташкил медиҳад. Дар ин маврид функсияи ихтиёрии $f \in L_{2,\nu}$ ба қатори Фурйе-Бессел ҷудо карда мешавад:

$$f(x) = \sum_{k=1}^{\infty} b_k(f)j_\nu(\lambda_k x), \tag{17}$$

дар ин ҷо коэффисиентҳои $b_k(f)$ бо формулаи

$$b_k^2(f) = \frac{1}{\|j_\nu(\lambda_k x)\|_{2,\nu}^2}\int\limits_0^1 x^{2\nu+1}f(x)j_\nu(\lambda_k x)dx, \tag{18}$$

муайян карда шуда, баробарии (17) бо маънои наздикшавӣ дар нормаи $L_{2,\nu}$ фаҳмида мешавад.

Бо рамзи

$$E_{n-1}(f)_{2,\nu} = \inf\left\{\|f - p_{n-1}\|_{2,\nu} : p_{n-1} \in \mathcal{P}_{n-1}\right\}$$

наздиккунии беҳтарини функсияи $f \in L_{2,\nu}$ бо маҷмӯи $\mathcal{P}_{n-1}$ – бисёраъзогии умумишудаи намуди

$$p_{n-1}(x) = \sum_{k=1}^{n-1} a_k j_\nu(\lambda_k x)$$

- ро ишора мекунем. Мувофиқи хосиятҳои ортогоналнокии системаи функсияҳои (16), ҳосил мекунем:

$$E^2_{n-1}(f)_{2,\nu} = \|f - S_{n-1}(f)\|^2_{2,\nu} = \sum_{k=n}^{\infty} a^2_k(f),$$

дар ин ҷо

$$S_{n-1}(f,x) := \sum_{k=1}^{n-1} b_k(f) j_\nu(\lambda_k x)$$

– суммаи хусусии тартиби $(n-1)$-и қатори Фурйе-Бессели (17) ва

$$a^2_k(f) = \|j_\nu(\lambda_k x)\|^2_{2,\nu} b^2_k(f),\ k \in \mathbb{N}. \tag{19}$$

Дар фазои $L_{2,\nu}$ оператори миёнашудаи

$$T_{h,\nu}(f,x) = \frac{\Gamma(\nu+1)}{\sqrt{\pi}\Gamma\left(\nu+\frac{1}{2}\right)} \int\limits_0^\pi f\left(\sqrt{x^2+h^2-2xh\cos t}\right)\sin^{2\nu} t dt,$$

- ро ҷорӣ мекунем, ки вай дорои хосиятҳои зерин бошад:

а) барои функсияҳои ихтиёрии $f, g \in L_{2,\nu}$ ва ҳар гуна ададҳои $\alpha, \beta \in \mathbb{R}$ $T_{h,\nu}(\alpha f + \beta g, x) = \alpha T_{h,\nu}(f,x) + \beta T_{h,\nu}(g,x)$;

б) $T_{h,\nu}(j_\nu(\lambda x)) = j_\nu(\lambda h) j_\nu(\lambda x)$;

в) $T_{0,\nu}(f,x) \equiv f(x)$;

г) $\|T_{h,\nu}(f,\cdot)\|_{2,\nu} \le \|f\|_{2,\nu}$ ва $\|T_{h,\nu}(f,\cdot) - f(\cdot)\|_{2,\nu} \to 0$, дар мавриди $h \to 0$;

д) функсияи $u(x,h) := T_{h,\nu}(f;x),\ x,h \in [0,1]$ ҳалли масъалаи Кошӣ бошад:

$$\frac{\partial^2 u}{\partial x^2} + \frac{2\nu+1}{x}\cdot\frac{\partial u}{\partial x} = \frac{\partial^2 u}{\partial h^2} + \frac{2\nu+1}{h}\cdot\frac{\partial u}{\partial h}, u(x,o) = f(x),\ \left.\frac{\partial u}{\partial h}\right|_{h=0} = 0,$$

дар ин ҷо $f(x)$ – функсияи ихтиёрии дар порчаи $[0,1]$ ду маротиба бефосила - дифференсиронидашаванда бошад.

Солҳои охир дар мавриди ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунӣ бештар намудҳои мухталифи модули бефосилаи классикӣ, ки бо хусусиятҳои масъалаҳои муоинашаванда алоқаманд буда, имкони ҳосил кардани натиҷаҳои ниҳоиро соҳибанд, мавриди истифода қарор меёбанд[2,6,7,8]. Мо дар ин ҷо тарзи дар кори[9], тавсияшударо истифода намуда, натиҷаҳои навро исбот мекунем. Маълум аст[10], ки барои функсияи ихтиёрии $f \in L_{2,\nu}$ бо қатори Фурйе

$$f(x) = \sum_{k=1}^{\infty} b_k(f) j_\nu(\lambda_k x)$$

формулаи зерин ҷой дорад:

$$T_{h,\nu}(f;x) = \sum_{k=1}^{\infty} j_\nu(\lambda_k h) b_k(f) j_\nu(\lambda_k x). \tag{20}$$

Зимнан наздикшавии қатори дар тарафи рости баробарии (20) истода, бо мазмуни фазои $L_{2,\nu}$ фаҳмида мешавад.

Бигзор E_ν –оператори воҳидӣ дар фазои $L_{2,\nu}$ бошад. Чунин ҳисоб мекунем:

$$T^1_{h,\nu}(f;x) = T_{h,\nu}(f;x),\ T^m_{h,\nu}(f;x) := T_{h,\nu}(T^{m-1}_{h,\nu}(f;\cdot),x),\ m \in \mathbb{N}.$$

Ин муносибатҳоро истифода намуда, барои функсияи ихтиёрии $f \in L_{2,\nu}$ фарқҳои охирноки тартиби якум ва олиро менависем:

$$\Delta^1_{h,\nu}(f,x) := F_{h,\nu}(f,x) - f(x) = (F_{h,\nu} - E_\nu) f(x),$$

$$\Delta^m_{h,\nu}(f,x) := \Delta_{h,\nu}(\Delta^{m-1}_{h,\nu}(f,\cdot),x) = (F_{h,\nu} - E_\nu)^m f(x) =$$

$$= \sum_{k=0}^{m} (-1)^{m-k} \binom{m}{k} F^k_{h,\nu}(f,x),\ k = 2,3,... \tag{21}$$

---

[6] Шабозов М.Ш., Юсупов Г.А. Точные константы в неравенствах типа Джексона и точные значения поперечников некоторых классов функций в L_2 // Сибир. матем. журнал, 2011, т.52, №6, С.1414-1427.

[7] Вакарчук С.Б., Шабозов М.Ш., Забутная В.И. Структурные характеристики функций из L_2 и точные значения поперечников некоторых функциональных классов // Укр. матем. вiсник, 2014, т.11, №3, С.417-441.

[8] Вакарчук С.Б., Швачко А.В. О наилучшей аппроксимации в среднем алгебраическими полиномами с весом и точных значениях поперечников классов функций // Укр. матем. журнал, 2013, т. 65, №12, с.1604–1621.

[9] Абилов В.А., Абилова Ф.В. Приближение функций суммами Фурье-Бесселя. – Известия вузов. Математика. 2001, т. 18, №8, с.3–9.

[10] Левитан Б.М. Теория операторов обобщённого сдвига. – М.: Наука, 1973, 312 с.

Барои функсияи ихтиёрии $f \in L_{2,\nu}$ ва $t \in (0,1)$, бо назардошти фарқҳои ҷорӣ кардашудаи (21), модули умумишудаи бефосилаи тартиби m- ро дар фазои $L_{2,\nu}$ муайян мекунем:

$$\Omega_m(f,t)_{2,\nu} := \sup\left\{\|\Delta_{h,\nu}^{m}(f,\cdot)\|_{2,\nu} : 0 < h \leq t\right\}.$$

Бо

$$\mathcal{D} := \frac{d^2}{dx^2} + \frac{2\nu+1}{x}\cdot\frac{d}{dx},\ \nu > -1/2$$

оператори дифференсиалии тартиби дуюми Бессели тартиби ν- ро ишора мекунем.

Дар монографияи[11] исбот карда шудааст, ки функсияи $j_{\nu}(\lambda_n x)$ муодилаи дифференсиалии тартиби дуро қаноат мекунонад:

$$\mathcal{D}y = \lambda_n^2 y,\ \text{и}\ j_{\nu}(0) = 1,\ j_{\nu}^{'}(0) = 0.$$

Ҳар ду тарафи ин муодиларо ба функсияи вазнии $x^{2\nu+1}(\nu > -1/2)$ зарб зада, муодилаи дифференсиалии зеринро ҳосил мекунем:

$$\frac{d}{dx}\left(x^{2\nu+1}\frac{d}{dx}j_{\nu}(\lambda_n x)\right) + \lambda_n^2 x^{2\nu+1} j_{\nu}(\lambda_n x) = 0.$$

Муодилаи мазкурро истифода намуда, барои коэффисиентҳои (18) формулаи(масалан, ниг. ба[9])

$$b_k(f) = (-1)^r \lambda_n^{-2r} b_k(\mathcal{D}^r f), \tag{22}$$

ки дар ин ҷо $\mathcal{D}^0 f = f,\ \mathcal{D}^r(f) := \mathcal{D}(\mathcal{D}^{r-1}f), r \in \mathbb{N}$, ба осонӣ исбот кардан мумкин аст.

Бо $L_{2,\nu}^{(r)}(\mathcal{D})(r \in \mathbb{Z}_+;\quad L_{2,\nu}^{(0)}(\mathcal{D}) \equiv L_{2,\nu},\quad \nu > -1/2)$ –синфи функсияҳои $f \in L_{2,\nu}$, дар порчаи $[0,1]$ ҳосилаҳои мутлақ бефосилаи тартиби $(2r-1)$ ва ҳосилаи тартиби r-и $\mathcal{D}^r f \in L_{2,\nu}$-доштаро, ишора мекунем.

Бо истифода аз формулаҳои (17), (20) ва муносибатҳои (21), фарқи тартиби яки функсияи f -ро дар намуди зерин менависем:

$$\Delta_{h,\nu}^{1}(f,x) = \sum_{k=1}^{\infty}(j_{\nu}(\lambda_k h) - 1)b_k(f)j_{\nu}(\lambda_k x). \tag{23}$$

Формулаҳои (23)- ро пай дар пай истифода намуда аз (21) барои ҳар гуна $m \in \mathbb{N}$ формулаи рекуррентии зеринро ҳосил мекунем:

$$\Delta_{h,\nu}^{m}(f,x) = \sum_{k=1}^{\infty}(j_{\nu}(\lambda_k h) - 1)^m b_k(f)j_{\nu}(\lambda_k x). \tag{24}$$

---

[11] Левитан Б.М., Саргсян И.С. Введению в спектральную теорию. Самосопряжённые обыкновенные дифференциальные операторы. – М.: Наука, 1970, 671 с.

Баробарии Парсевалро истифода намуда, аз сабаби ортогоналнокии системаи функсияҳои $\{j_\nu(\lambda_k x)\}_{k=1}^{\infty}$, аз (24) формулаи

$$\|\Delta_{h,\nu}^m(f,\cdot)\|_{2,\nu}^2 = \sum_{k=1}^{\infty}(1 - j_\nu(\lambda_k h))^{2m} a_k^2(f) \tag{25}$$

- ро ҳосил мекунем. Бо назардошти (21) ва (25):

$$\Omega_m^2(f,t)_{2,\nu} := \sup_{h\le t}\left\{\sum_{k=1}^{\infty}(1 - j_\nu(\lambda_k h))^{2m} a_k^2(f)\right\}. \tag{26}$$

Қайд мекунем, ки барои функсияи ихтиёрии $f \in L_{2,\nu}^{(r)}(\mathcal{D})$ аз (22) ва (19), баробарии

$$a_k^2(\mathcal{D}^r f) = b_k^2(\mathcal{D}^r f)\cdot\|j_\nu(\lambda_k x)\|_{2,\nu}^2 = \lambda_k^{4r} b_k^2(f)\cdot\|j_\nu(\lambda_k x)\|_{2,\nu}^2 = \lambda_k^{4r} a_k^2 f,$$

ҳосил мешавад, мувофиқи кадоме аз баробарии (26) ҳосил мекунем[6]:

$$\Omega_m^2(\mathcal{D}^r f,t)_{2,\nu} = \sup_{h\le t}\left\{\sum_{k=1}^{\infty}(1 - j_\nu(\lambda_k t))^{2m} a_k^2(\mathcal{D}^r f)\right\} =$$

$$= \sup_{h\le t}\left\{\sum_{k=1}^{\infty}(1 - j_\nu(\lambda_k t))^{2m} \lambda_k^{4r} a_k^2(f)\right\}. \tag{27}$$

Модули умумишудаи бефосилаи (27) - ро истифода намуда, В.А.Абилов ва Ф.В.Абилова теоремаҳои роста ва чаппаи назарияи наздиккуниро дар намуди нобаробарии носаҳеҳ, ҳосил кардаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар вақти ҳосилкунии теоремаҳои ростаи аниқ бо ёрии модули бефосилаи (27) ба аниқии онҳо дар синфи функсияҳо эътимод кардан мумкин нест ва аз ин лиҳоз теоремаҳои аниқро минбаъд бо ёрии $\mathcal{K}$-функсионали Петре ҳосил мекунем.

Дар ин замон назарияи наздиккунии функсияҳо асосан бо наздиккунии синфи функсияҳо бо ёрии зерфазоҳои додашудаи андозааш қайдшудаи ба ҳосилкунии натиҷаҳои аниқ алоқаманд, ки n- қутрро дар синфи функсияҳои нишон додашуда, мавриди истифода қарор медиҳанд, сару кор дорад. Татбиқи бештар самараноки ғояи мазкур ба $\mathcal{K}$-функсионали Петре[12] асос меёбад. Қайд мекунем, ки $\mathcal{K}$- функсионалҳо дар масъалаҳои назарияи наздиккунии функсияҳо мавқеи муҳимро мебозад. Дар ин маврид омузиши алоқаи байни модули суфтагӣ ва $\mathcal{K}$-функсионалҳо яке аз масъалаҳои асосии назарияи

---

[12] Ditzian Z., Totik V. K-functionals and best polynomial approximation in weighted $L^p(\mathbb{R})$ // J. Approx.Theory. 1986. V.46, №1. PP.38–41.

наздиккунии функсияҳо ба ҳисоб меравад. Барои модулҳои суфтагии умумишудаи мухталиф, ин гуна масъалаҳо, аз он ҷумла дар корҳои[13,14,15] омӯхта шудаанд.

Бигзор $L_{2,\nu}^{(m)}-$ фазои Соболеви аз руи оператори $\mathcal{D}$ сохташуда бошад, яъне

$$L_{2,\nu}^{(m)} := \{f \in L_{2,\nu} : \mathcal{D}^j f \in L_{2,\nu}, \ \ j = 1, 2, ..., m\}.$$

$\mathscr{K}$-функсионали аз руи фазоҳои $L_{2,\nu}$ ва $L_{2,\nu}^{(m)}$ сохташударо муайян мекунем:

$$\mathscr{K}_m\left(f, t; L_{2,\nu}; L_{2,\nu}^{(m)}\right) := \inf\left\{\|f - g\|_{2,\nu} + t^m \|\mathcal{D}^m g\|_{2,\nu} : g \in L_{2,\nu}^{(m)}(\mathcal{D})\right\}, \qquad (28)$$

дар ин ҷо $m \in \mathbb{N}, \ f \in L_{2,\nu}, \ 0 < t < 1$. Минбаъд бо мақсади кӯтоҳӣ ишораи зеринро истифода мекунем:

$$\mathscr{K}_m(f, t)_{2,\nu} := \mathscr{K}_m\left(f, t; L_{2,\nu}; L_{2,\nu}^{(m)}\right).$$

Баробарқуввагии модули бефосилаи (26) ва $\mathscr{K}$-функсионали (28) дар кори[16] нишон дода шудааст.

Тасдиқоти асосии зерин ҷой дорад:

Теоремаи 1.6.1. *Бигзор $m, n, r \in \mathbb{N}$. Он гоҳ баробарии*

$$\sup_{\substack{f \in L_{2,\nu}^{(r)}(\mathcal{D}) \\ f \neq const}} \frac{\lambda_n^{2r} E_{n-1}(f)_{2,\nu}}{\mathscr{K}_m(\mathcal{D}^r f, \lambda_n^{-2m})_{2,\nu}} = 1$$

дуруст аст.

Дар боби дуюми диссертатсия масъалаи экстремалии ҷустуҷӯи қиматҳои аниқи n-қутри синфи функсияҳое, ки аз теоремаҳои боби якум исботшуда, табиӣ ҳосил мешаванд, дида баромада мешавад.

Ба мо барои баёни натиҷаҳои боби дуюм яккатор таърифҳо ва ишораҳо зарур мешавад. Бигзор S – кураи воҳидӣ дар фазои L_2; $\Lambda_n \subset L_2$ – зерфазои n - ченака; $\Lambda^n \subset L_2$ – зерфазои коченакаи n; $\mathscr{L} : L_{2,\mu} \to \Lambda_n$– оператори бефосилаи хаттӣ ; $\mathscr{L}^{\perp} : L_{2,\mu} \to \Lambda_n$ – оператори бефосилаи проектиронӣ; $\mathfrak{M}$ – зермаҷмӯи барҷастаи марказӣ - симметрӣ аз L_2 бошад. Бузургиҳои

$$b_n(\mathfrak{M}, L_2) = \sup\left\{\sup\left\{\varepsilon > 0 : \ \varepsilon\mathcal{S} \cap \Lambda_{n+1} \subset \mathfrak{M}\right\} : \Lambda_{n+1} \subset L_2\right\},$$

$$d_n(\mathfrak{M}, L_2) = \inf\left\{\sup\left\{\inf\left\{\|f - g\| : g \in \Lambda_n\right\} : f \in \mathfrak{M}\right\} : \Lambda_n \subset L_2\right\},$$

---

[13] Löfstróm J., Peetre J. Approximation theorems connected with generalized translations// Math.Ann.– 1969. –V.181. –P. 255-268

[14] Ditzian Z., Totik V.Moduli of smoothness. –New York etc.: Springer-Verlag, 1987. –228p.

[15] Feng Dai. Some equivalence theorems with K-functionals // J. Appr. Theory. –2003. –V.121. –P. 143-157.

[16] Белкина Е.С., Платонов С.С. Эквивалентность $\mathcal{K}$-функционалов и модулей гладкости, построенных по обобщенным сдвигам Данкля. // Известия вузов. Математика., 2008, є8, с.3-15 МГУ, 1976. 318с.

$$\delta_n(\mathfrak{M}, L_2) = \inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f - \mathscr{L}f\| : f \in \mathfrak{M}\right\} : \mathscr{L}L_2 \subset \Lambda_2\right\} : \Lambda_n \subset L_2\right\},$$

$$d^n(\mathfrak{M}, L_2) = \inf\left\{\inf\left\{\|f\| : f \in \mathfrak{M} \cap \Lambda^n\right\} : \Lambda^n \subset L_2\right\},$$

$$\Pi_n(\mathfrak{M}, L_2) = \inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f - \mathscr{L}^{\perp}f\| : f \in \mathfrak{M}\right\} : \mathscr{L}^{\perp}L_2 \subset \Lambda_n\right\} : \Lambda_n \subset L_2\right\}$$

мувофиқан *қутрҳои бернштейнӣ, колмогоровӣ, хаттӣ, гелфандӣ, проектсионии* зермаҷмӯи $\mathfrak{M}$ дар фазои L_2 номида мешаванд. n-қутри номбаршуда аз рӯи n монотонӣ буда, дар байни онҳо дар ҳар гуна фазои гилбертии X_2 (дар ҳолати мо $X_2 := L_2 = L_2((0,1), xdx)$ и $X_2 := L_{2,\nu} = L_2((0,1), x^{2\nu+1}dx)$) муносибатҳои зерин иҷро мешаванд(масалан, ниг. ба монографияҳои[17,18]):

$$b_n(\mathfrak{M}; L_2) \leqslant d^n(\mathfrak{M}; L_2) \leqslant d_n(\mathfrak{M}; L_2) = \delta_n(\mathfrak{M}; L_2) = \Pi_n(\mathfrak{M}; L_2).$$

Синфи функсияҳоеро ҷорӣ мекунем, ки онҳо аз натиҷаҳои теоремаҳои 1.3.1 ва 1.4.1 - и дар бандҳои пешина исбот карда шудаанд, табиӣ ҳосил мешаванд.

Дар аввал таърифи синфи функсияҳоеро меорем, ки онҳо аз теоремаи 1.3.1 ҳосил мешавад, яъне бо $\mathrm{W}_{1/m}^{(r)}L_2(\Omega_m; \mathcal{D}, h)$ синфи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}(\mathcal{D})$, ки $\mathcal{D}^r f$ барои ҳамаи $r \in \mathbb{Z}_+,\ \ m \in \mathbb{N},\ \ 0 < t < 1$, шарти зеринро қаноат мекунонанд:

$$\frac{1}{h}\int_0^h \Omega_m^{1/m}(\mathcal{D}^r f, t)dt \leq 1.$$

Бигзор $h \in (0,1),\ 0 < p \leq 2,\ m \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+,\ \ \varphi \geq 0$ – функсияи дар интервали $(0,h)$ суммиронидашавандаи ба сифр барбарқувва набуда, бошад. Бо $\mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m; h, \varphi)$ синферо ишора мекунем, ки аз функсияҳои $f \in L_2^{(r)}(\mathcal{D})$ иборат будае, ки $\mathcal{D}^r f$ шарти зеринро қаноат мекунонад, ишора мекунем:

$$\int_0^h \Omega_m^p(\mathcal{D}^r f, t)\varphi(t)dt \leq 1.$$

Тасдиқоти зерин ҷой дорад:

Теорема 2.1.1. *Барои ҳамаи* $r \in \mathbb{Z}_+,\ \ m, n \in \mathbb{N},\ \ 0 < h < 1$ *баробарии зерин дуруст аст:*

$$\gamma_n(\mathrm{W}^{(r)}L_2(\Omega_m; \mathcal{D}, h), L_2) = \lambda_n^r\left(1 - \frac{1}{(n+1)h} + \frac{(1-h)^{n+1}}{n+1}\right)^{-m},$$

ки дар ин ҷо $\gamma_n(\cdot)$ *—ҳар гуна n-қутри дар боло номбаршуда.*

---

[17] Pinkus A. n-Widths in Approximation Theory. – Berlin: Springer–Verlag. –1985. – 292 p.

[18] Тихомиров В.М. Некоторые вопросы теории приближений, М. МГУ, 1976. 318 с.

Қайд мекунем, ки аз тасдиқоти теоремаи 2.1.1, дар ҳолати $h = 1/(n+1)$, ҳосил мекунем:

$$\gamma_n(\mathrm{W}^{(r)}L_2(\Omega_m;\mathcal{D},h),L_2) = \lambda_n^{-2r}\left(1-\frac{1}{n+1}\right)^{-m(n+1)} \sim \frac{e^m}{\lambda_n^{2r}}.$$

Теоремаи 2.1.2. *Бигзор $m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \le 2$, $0 < h < 1$, $\varphi \ge 0$-функсияи дар интервали $(0,h)$ суммиронидашавандаи ба сифр баробарқувва набуда, бошад. Он гоҳ барои адади ихтиёрии $n \in \mathbb{N}$ баробариҳои зерин дурустанд:*

$$\gamma_n(\mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi),L_2) = E_{n-1}(\mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi))_{L_2} =$$

$$= \lambda_n^{-2r}\left(\int\limits_0^h (1-(1-t)^n)^{mp}\varphi(t)dt\right)^{-1/p},$$

дар ин ҷо $\gamma_n(\cdot)$ – ҳар гуна аз n-қутри $b_n(\cdot), d_n(\cdot), \delta_n(\cdot), d^n(\cdot), \Pi_n(\cdot)$ ва

$$E_n(\mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi))_{L_2} := \sup\{E_n(f)_2 : f \in \mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi)_{L_2}\}.$$

Аз теоремаи 2.1.2 якқатор тасдиқотҳо ҳамчун хулоса мебароянд.

Натиҷаи 2.1.1. *Дар мавриди иҷрошавии шартҳои теоремаи* 2.1.2 *дар ҳолати $\varphi_\star(t) := n(1-t)^{n-1}$, $n \in \mathbb{N}$ баробариҳои зерин дурустанд:*

$$\gamma_n(\mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi_\star)) = E_{n-1}(\mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi_\star) =$$

$$= \left\{\frac{mp+1}{[1-(1-h)^n]^{mp+1}}\right\}^{1/p}.$$

Ба сифати натиҷаи дуюми теоремаи 2.1.2 масъалаи экстремалии ҳисоби сарҳади аники болоии модули коэффисиентҳои Фурйе-Бессели $c_n(f)$- ро дида мебароем. Чунин масъала барои синфи даврии функсияҳо, масалан, дар кори[19] ва барои коэффисиентҳои Фурйеи ҷудокунии функсияҳо аз рӯи полиномҳои ортогоналӣ бо вазни додашуда, дар кори[5] омӯхта шудаанд. Барои синфи функсияҳои дар ин ҷо муоинашаванда, масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи хосаро ифода мекунад.

Натиҷаи 2.1.2. *Бигзор $0 < p \le 2$. Он гоҳ барои адади ихтиёрии $n \in \mathbb{N}$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup\{|c_n(f)| : f \in \mathrm{W}_p^{(r)}L_2(\Omega_m;h,\varphi)\} = \lambda_n^{-2r}\left(\int\limits_0^h (1-(1-t)^n)^{mp}\varphi(t)dt\right)^{-1/p}.$$

---

[19] Шабозов М.Ш., Вакарчук С.Б. О наилучшем приближении периодических функций тригонометрическими полиномами и точных значениях поперечников функциональных классов в L_2 // Analysis Mathematica. 2012. T. 38. №2. C.154–165.

Дар параграфи дуюми боби дуюм синфи функсияҳое, ки аз натиҷаи теоремаи 1.6.1 ҳосил мешавад, ҷорӣ карда шуда, барои ин синф қиматҳои аниқи n- қутри дар параграфи 2.1 номбаршуда, ҳисоб карда шудаанд.

Функсияи Φ- и дар нимтири мусбати $[0, \infty)$ камнашаванда k-можарант номида мешавад, агар функсияи $\Phi(t)/t^k, k \in \mathbb{N}$ дар $(0, \infty)$ афзун нашуда, $\Phi(0) = 0$ ва ҳангоми $t \to 0, \Phi(t) \to 0$ бошад (масалан, ниг.[20]). Маҷмӯи ҳамаи k-мажорантро бо рамзи $\mathscr{F}^k$ ишора мекунем. Бо $W_{2,k}^{(r)}(\mathscr{K}_m; \Phi), r \in \mathbb{Z}_+, m, k \in \mathbb{N}$ синфи функсияҳои $f \in L_{2,\nu}^{(r)}(\mathcal{D})$, ки барои он функсияи $\mathcal{D}^r f$ шарти $\mathscr{K}_m(\mathcal{D}^r f, t^m) \leq \Phi(t^m)$ – ро қаноат мекунонад, ки дар ин ҷо $0 < t \leq 1$ – ҳар гуна адад ва мажоранти Φ – функсияи ихтиёрии ба $\mathscr{F}^k$ мансуббударо, ишора мекунем. Дар ҳолати $k = 1$ ба ҷои рамзи $W_{2,1}^{(r)}(\mathscr{K}_m; \Phi)$ чунин менависем: $W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m; \Phi)$.

Теоремаи зерин ҷой дорад:

Теоремаи 2.2.1. *Барои ҳар гуна $m, n \in \mathbb{N}$ ва $r \in \mathbb{Z}_+$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\rho_n\left(W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m, \Phi), L_{2,\nu}\right) = E_{n-1}\left(W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m, \Phi)\right)_{2,\nu} = \lambda_n^{-2r}\Phi(\lambda_n^{-2m}),$$

дар ин ҷо $\rho_n(\cdot)$ – ҳар гуна аз n-қутри $b_n(\cdot), d_n(\cdot), d^n(\cdot), \delta_n(\cdot), \Pi_n(\cdot)$ ва

$$E_{n-1}(\mathfrak{M})_{2,\nu} := inf\left\{E_{n-1}(f)_{2,\nu} : \ f \in L_{2,\nu}\right\}$$

барои ҳамаи $\mathfrak{M} \subset L_{2,\nu}$.

Аз теоремаи 2.2.1 натиҷаи зерин ҳосил мешавад:

Натиҷа 2.2.1. *Дар мавриди иҷрошавии шартҳои теоремаи* 2.2.1 *баробарии*

$$\sup\left\{|b_n(f)| : f \in W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m, \Phi)\right\} = \lambda_n^{-2r}\Phi(\lambda_n^{-2m}).$$

ҷой дорад:

Дар хулосае, ки дар охири диссертатсия оварда мешавад, ҷамъбасти тадқиқоти гузаронидашуда баён карда шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дода шудааст.

Миннатдории хешро барои маслиҳатҳои муфид, муҳокима ва дастгирҳо ба роҳбарони илмиам, академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Шабозов Мирганд Шабозович ва профессор Тухлиев Қамаридин баён мекунам.

---

[20] Шевчук А.И. Приближение многочленами и следы непрерывных на отрезке функций. – Киев: Наукова думка, 1992, 225 с.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шудаанд:

1. Шабозов М.Ш., Тухлиев К., Муродов К.Н. Точные оценки скорости сходимости рядов Фурье-Бесселя и значения n-поперечников некоторых классов функций. // Проблемы вычислительной и прикладной математики. 2015, №2, С. 39-47.
2. Тухлиев К., Муродов К.Н. Точные оценки скорости сходимости рядов Фурье - Бесселя и значения $\mathcal{K}$–функционалов // Изв. АН РТ. Отд. физ.-мат., хим., геол. и техн. н. 2015, №4(161), С. 16-26.
3. Муродов К. Н. Верхние грани среднеквадратических приближений некоторых классов функций частичными суммами Фурье-Бесселя заданного порядка // Труды международной летней математической Школы-Конференции С.Б. Стечкина по теории функций. Таджикистан. Душанбе. 15 - 25 августа 2016 г., С. 176-181.
4. Тухлиев К., Муродов К. Н. Точные верхние грани наилучших приближений суммами Фурье-Бесселя в пространстве $l_{2,\nu}$ и значения поперечников некоторых классов функций // Изв. АН РТ. Отд.физ.-мат.,хим., геол. и техн. н. 2017, №2(167), С. 17-29.
5. Муродов К.Н. О приближении функций суммами Фурье-Бесселя и значение поперечников функциональных классов // ДАН РТ. 2017, т.60, №1-2, С .20-25.

Дар дигар нашрияҳо:

6. Тухлиев К., Муродов К. Н. Точные оценки скорости сходимости рядов Фурье - Бесселя в пространстве L_2 // В материалах международной научно-практической конференции „Тенденции и переспективы развития науки XXI век"(Екатеринбург, 18 октябр 2015 г.), С. 1 4-16.
7. Муродов К. Н. О приближении функций суммами Фурье-Бесселя в гильбертовом пространстве // Материалы республиканской научно-практической конференции „Современные проблемы естественных наук”, 24 ноября 2017 г., Филиал МГУ им. М.В.Ломоносова, Душанбе, С .29-31.
8. Муродов К. Н. Точные верхние грани наилучших приближений суммами Фурье-Бесселя в пространстве $L_{2,\nu}$ // В материалах международной конференции „Современные проблемы математики и её приложений”,

посвящённой 70-летию академика АН РТ Илолова М. (Душанбе, 14-15 марта 2018 г.), С. 38-40.

9. Муродов К. Н. Точные значение n-поперечников некоторых классов функций // Материалах международной конференции „Современные проблемы математики и её приложений”, 21-22 июня 2018 г., Филиал МГУ им. М.В.Ломоносова, Душанбе, С. 67-68.
10. Муродов К. Н. Наилучшие приближения функций суммами Фурье-Бесселя и точные значение поперечников некоторых классов функций // В материалах республиканской научно-практической конференции „Современные проблемы точных наук и их роль в формировании научного мировозрения общества” посвященная 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан. 26-27 октября 2018 г.,ХГУ им. Б.Гафурова, Худжанд, С. 42-46.

ШАРҲИ МУХТАСАР
ба диссертатсияи Муродов Каримҷон Насимович дар мавзӯи «Наздикшавии миёнаквадратии функсияҳо бо суммаҳои Фурйе-Бессел», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 01.01.01 — таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Калимаҳои калидӣ: наздиккунии беҳтарин, модули умумишудаи бефосилаи тартиби m, функсияи Бессел, қатори Фурйе-Бессел, нобаробарии Ҷексон-Стечкин, $\mathscr{K}$-функсионал, n-қутр.

Муҳимияти мавзӯъ. Аз курси муодилаҳои физикаи математикӣ хуб маълум аст, ки бисёраъзогиҳои классикии Лагер, Эрмит-Чебишов, Якобӣ ва функсияҳои махсус - силиндрикӣ, сферикӣ ва гипергеометрӣ одатан дар мавриди ҳалли муодилаҳои мухталифи дифференсиалӣ бо методи ҷудокунии тағирёбандаҳо, ки ба теоремаҳои ҷудокунӣ аз рӯи системаҳои функсияҳои ортогоналии мухталиф асос ёфтаанд, пайдо мешаванд.

Дар солҳои охир истифодаи босуръати функсияҳои махсус дар масъалаҳои таҳлили ададӣ ва статистикаи математикӣ мушоҳида мешавад. Ин ба ҷустуҷӯи баҳоҳои оптималии наздиккунии функсияҳо бо ёрии суммаҳои хусусии қатори Фурйе аз рӯи ҷудокунии ортогоналии функсияҳои махсуси номбаршуда, оварда мерасонад. Дар баъзе ҳолат имконияти ёфтани нобаробарии аниқи намуди Ҷексон-Стечкин барои модулҳои махсуси бефосилаи тартиби m ва ҳисоби қиматҳои n-қутри синфи функсияҳои бо операторҳои дифференсиалии тартиби дуюми намудҳои мухталиф муайяншаванда, мавҷуд аст. Бо ин муҳимияти мавзуи таҳқиқот арзёбӣ мешавад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар вақти ҳалли масъалаҳои номбаршуда ба сифати асбоби наздиккунӣ - полиномҳои умумишуда аз рӯи системаи функсияҳои ортогоналии Бессел интихоб карда мешавад. Дар ин маврид ба сифати олоти таҳқиқот методҳои муосири назарияи наздиккунии функсияҳо ва таҳлили функсионалӣ, инчунин методҳои ҳалли масъалаҳои экстремалии дорои мӯҳтавои оптимизатсионӣ, мавриди истифода қарор меёбанд.

Мақсад ва масоили таҳқиқот. Ҳисобкунии сарҳади болоии майлкунии синфҳои функсияҳои додашуда аз суммаҳои қатори Фурйе-Бессел дар фазои L_2; ҷустуҷӯи нобаробарии аниқи Ҷексон-Стечкини байни бузургиҳои наздиккунии беҳтарини функсияҳо бо суммаҳои хусусии Фурйе-Бессел ва модули умумишудаи бефосилаи тартиби m, ки бо оператори дифференсиалии тартиби дуюм, муайян карда мешаванд; ҳисоби қиматҳои n-қутри синфи функсияҳои бо модулҳои бефосилаи махсуси тартиби m додашуда, ки бо оператори дифференсиалии Бессел муайян карда мешаванд.

Натиҷаҳои гирифташуда ва навоварии он. Дар диссертатсия натиҷаҳои нави зерин гирифта шудааст: баҳоҳои аниқи суръати наздикшавии қатори Фурйе-Бессел дар баъзе синфи функсияҳои бо оператори дифференсиалии тартиби дуюм додашаванда ва бо қимати миёнашудаи модули умумишудаи бефосилаи тартиби m дар фазои L_2 тавсифшаванда, ёфта шудааст; сарҳади болоии майлкунии беҳтарин бо суммаҳои Фурйе-Бессел дар фазои $L_2\left([0,1],x^{2\nu+1}dx\right),\nu>-\frac{1}{2}$ ёфта шудааст; нобаробарии аниқи Ҷексон-Стечкини байни бузургиҳои наздиккунии беҳтарини функсияҳо бо суммаҳои хусусии Фурйе-Бессел ҳамчун модули умумишудаи бефосилаи тартиби m ва ҳамчун $\mathscr{K}$-функсионал, ёфта шудааст; қиматҳои аниқи n-қутри синфҳои функсияҳои бо модулҳои бефосилаи махсуси тартиби m ва бо $\mathscr{K}$-функсионал додашаванда, ҳисоб карда шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Диссертатсия характери назариявӣ дорад. Усулҳои дар он такмилёфта ва натиҷаҳои ҳосилшударо дар ҳалли масъалаҳои дигари экстремалии назарияи наздиккунӣ, истифода кардан мумкин аст. Бобҳои алоҳидаи диссертатсия дар алоҳидагӣ мазмуни курсҳои махсусро барои донишҷӯён ва аспирантони муассисаҳои олии таълимие, ки аз рӯи ихтисосҳои математика ва математикаи амалӣ таҳсил мекунанд, ташкил доданаш мумкин аст.

РЕЗЮМЕ

диссертации Муродова Каримджона Насимовича на тему «Среднеквадратическое приближение функций суммами Фурье–Бесселя», представленной на соискание ученой степени кандидата физико-математических наук по специальности 01.01.01 — вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: наилучшие приближения, обобщенный модуль непрерывности m-го порядка, функция Бесселя, ряд Фурье–Бесселя, неравенство Джексона–Стечкина, $\mathscr{K}$-функционал, n-поперечники.

Актуальность темы. Известно, что классические многочлены Лагерра, Эрмита-Чебышева, Якоби и специальные функции –цилиндрические, сферические и гипергеометрические, обычно возникают при решении различных дифференциальных уравнений методом разделения переменных, основанном на теоремах разложения по различным ортогональным системам функций.

В последнее время наблюдается весьма интенсивное применение специальных функций в задачах численного анализа и математической статистики. Это приводит к отысканию оптимальных оценок аппроксимации функций посредством частных сумм рядов Фурье по ортогональным разложениям указанных специальных функций. Диссертационная работа посвящена получению точных оценок скорости сходимости рядов Фурье по системе функций Бесселя, отысканию неравенств Джексона-Стечкина для специальных модулей непрерывности и $\mathscr{K}$-функционалов, а также получению точных значений различных n-поперечников классов функций. Этим определяется актуальность выбранной тематике исследования.

Методы исследования. При решении указанных задач в качестве аппарата приближения используются обобщённые полиномы по системе ортогональных функций Бесселя. При этом в качестве инструмента исследования используются современные методы теории приближения функций и функционального анализа, а также методы решения экстремальных задач оптимизационного содержания.

Цели и задачи исследования. Вычислением верхних граней отклонений заданных классов функций от их сумм ряда Фурье-Бесселя в пространстве L_2 ; отысканием точных неравенств Джексона-Стечкина между величиной наилучшего приближения функции частными суммами Фурье-Бесселя и обобщенными модулями непрерывности m-го порядка, определяемыми дифференциальным оператором второго порядка ; вычислением точных значений n-поперечников классов функций, задаваемых специальными модулями непрерывности m-го порядка, определяемыми дифференциальным оператором Бесселя.

Полученные результаты и их новизна. В диссертации получены следующие новые результаты: найдены точные оценки скорости сходимости ряда Фурье-Бесселя на некоторых классах функций, задаваемых дифференциальным оператором второго порядка и характеризующихся усреднённым значением обобщённого модуля непрерывности m-го порядка в пространстве L_2 ; найдены точные верхние грани наилучших приближений суммами Фурье-Бесселя в пространстве $L_2\left([0,1], x^{2\nu+1}dx\right), \nu > -\frac{1}{2}$; найдено точное неравенство Джексона-Стечкина между величиной наилучшего приближения функции частными суммами Фурье-Бесселя как специальными модулями непрерывности m-го порядка, так и $\mathscr{K}$-функционалами; вычислены точные значения n-поперечников классов функций, задаваемых специальными модулями непрерывности m-го порядка, а также $\mathscr{K}$-функционалами.

Теоретическая и практическая ценность. Работа носит теоретический характер. Развитые в ней методы и полученные результаты могут применяться в других экстремальных задачах теории приближений. Главы диссертации в отдельности могут составить содержание специальных курсов для студентов и аспирантов высших учебных заведений, обучающихся по специальности математика и прикладная математика.

SUMMARY
of the thesis of Muradov Karimjon Nasimovich about „Mean square approximation of functions by Fourier-Bessel sums" presented for Candidate physico-mathematical sciences degree on the specialty 01.01.01 — real, complex and functional analysis

Keywords: The best approximations, generalized continuity modulus of m-th order, Bessel function, Fourier-Bessel series, Jackson-Stechkin inequality, K-functional, n-widths.

Actuality of the work. It is known that classical Laguerre, Hermite-Chebyshev, Jacobi polynomials and special functions -cylindrical, spherical and hypergeometric, usually arise when solving various differential equations by the method of separating variables based on decomposition theorems for different orthogonal systems of functions.

Recently, there has been a very intensive use of special functions in the problems of numerical analysis and mathematical statistics. This leads to finding optimal estimates for the approximation of functions by means of partial sums of Fourier series from orthogonal expansions of these special functions. The thesis is devoted to obtaining accurate estimates of the rate of convergence of Fourier series on the system of Bessel functions, finding Jackson-Stechkin inequalities for special continuity modules and K-functionals, as well as obtaining the exact values of different n-widths classes of functions. This determines the relevance of the chosen research topic.

Methods of research. In solving these problems, generalized polynomials in the system of orthogonal Bessel functions are used as an approximation apparatus. At the same time, modern methods of the theory of approximation of functions and functional analysis, as well as methods for solving extreme problems of optimization content are used as a research tool.

Purpose and objectives of the research. The calculation of the top faces of the deviation from the specified classes of functions of their sums of the Fourier-Bessel space L_2 ; a finding of exact inequalities of Jackson-Stechkin between the value of best approximation of functions by private sums of Fourier-Bessel and generalized module of continuity of the m-th order defined by a differential operator of the second order ; the calculation of the exact values of n-widths of classes of functions defined a special module of continuity of the m-th order differential operator defined by Bessel.

The obtained results and their novelty. The following new results are obtained in the dissertation: the exact estimates of the rate of convergence of the Fourier-Bessel series on some classes of functions given by the differential operator of the second order and characterized by the averaged value of the generalized module of continuity m-th order in space L_2 are found ; the exact upper bounds of the best approximations by the Fourier-Bessel sums in space $L_2\left([0,1], x^{2\nu+1}dx\right), \nu > -\frac{1}{2}$ are found ; the exact Jackson-Stechkin inequality between the value of the best approximation of the function by Fourier-Bessel partial sums as special module of continuity of the m-th order, and K-functionals is found; the exact values of the n-widths of the classes of functions given by special module of continuity of the m-th order, as well as K-functionals are calculated.

Theoretical and practical value. The work is theoretical. The methods developed in it and the results obtained can be used in other extreme problems of approximation theory. The heads of the dissertation separately can make the content of special courses for students and postgraduates of higher educational institutions studying in mathematics and applied mathematics.